Е) Дастовардхои мизочоне, ки аз тарафи Фонди Карзии Хурди «Хамёри» бо маблагхои карзи дар доираи лоихаи Барномаи Созмони Миллали Муттахид «Бехтар гардонидани некуахволии ахолии дехот» дастгири карда шудаанд. Рахмонова Муслима Исматовна сокини нохияи Айни мебошад, ки дар яке аз мактабхои миёнаи ин нохия ба хайси омўзгор фаъолият мебарад. Номбурда соли 2012 мехост, ки ба фаъолияти сохибкори машгул гардида, вазъияти ичтимоии зиндагии хешро бехтар намояд. Вай тасмим гирифт, ки маркази хизматрасонии дўзандагиро ба рох монад, аммо барои хариди тачхизоти дўзандаги маблаги кофи надошт ва дар огози кор ба мушкилоти зиёде рў ба рў гардид. Бо як мошинаи дўзандаги ва ду дастгох яке барои адрасбофи ва дигаре барои гилембофи фаъолият намуда, хам шогирд тайёр менамуд ва хам барои пешбурди зиндагиаш кор мекард, ки барои ў бисёр сахт ва душвор буд. Зеро чои фаъолияташ хело хурд ва дар як холати бисёр ногувор карор дошт. Баробари ин ба шогирдоне, ки хохиши омўхтани нозукихои касби дўзандаги, колинбофиву адрасбофиро доштанд, дар соатхои муайяни кори омўзиш медод. Нихоят пас аз чустучўхои зиёд Рахмонова Муслима ба Фонди Карзии Хурди "Хамёри" мурочиат кард. Дар асоси Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттахид тархи «Дастраси карзхои хурд барои ахолии дехоти вилояти Сугд (Водии Зарафшон)» аз руи лоихаи «Бехтар гардонидани некуахволии ахолии дехот»-ро, ки максади асосии он «ташкили чойхои кори барои ахолии дехот, аз он чумла барои бекорон, занхо ва чавонон, дастгирии сохибкори, огоз ва рушди тичорат ва ташкили имкониятхои нав барои шугл ва фаъолият» мебошад ба ин сокини дехаи дурдасти н.Айни, чамоати Фондарё, дехаи Хайронбед маблаги муайян дар хачми 25000 сомони дода шуд.



Пас аз гирифтани карз номбурда санаи 19 – октябри соли 2018 фаъолияти хешро дар шакли нав ба рох монда, маблаги гирифтаашро барои харидории 4 адад мошинаи замонавии дўзандаги ва бехтар кардани шароити фаъолияти сохибкори сарф намуд. Дар натичаи бехтар гардидани шароити кори ин сохибкор на танхо худ ва пайвандон, балки дар якчояги бо Агентии шугли ахолии нохияи Айни ба зиёда аз 100 нафар бонувони ин нохияи дурдасти кухистон нозукихои касби дўзандагиро дар шароити хуби фарохамшуда таълим дода ва ба онхо сертификати махсус додааст. Илова бар ин ба 15

нафар бонувони хонашин махорати адрасбофи ва ба 30 нафари дигар тарзи духтани колинро омўзонид. Дар баробари ин 4 нафар заноне, ки шогирдони Рахмонова Муслима буданд, дар дехоти дигар ба фаъолияти дўзандаги машгул гардида, аз ин хисоб зиндагии хешро пеш бурда истодаанд. Холати молиявии ин зани сохибкор нисбати даврахои пеш хело хуб гардида, аз хисоби даромадхояш як кошонаи хусн таъсис дода дар баробари ороиш хизматрасонии ба ичора додани куртахои арусиро ба рох мондааст, ки аз ин рох ду нафари занони махалли бо чои кори доими ва маоши хуб таъмин гардидаанд. Илова бар ин сохибкори номбурда либосхои шахсони ниёзмандро ба сурати ройгон дўхта дар хар иду айём ба шахсони ниёзманд кўмакхои молияви такдим менамояд, ки хамаи ин натичаи дастгирии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттахид тархи «Дастраси карзхои хурд барои ахолии дехоти вилояти Сугд (Водии Зарафшон)» аз рўи лоихаи «Бехтар гардонидани некуахволии ахолии дехот» мебошад.



Рузиева Мушарафа Давроновна фаъолияти сохибкориашро аз соли 2006 дар нохияи дурдасти кухистони Айни, чамоати Зарафшон шахраки Сарвода огоз намуда ва дар бозори шахраки Сарвода ба истехсол ва фуруши нони танўри машгул буд. То хамкори бо Фонди карзии Хурди хамёри доираи фаъолияташ хело махдуд буд ва факат бозори шахраки Сарводаро бо нони махалли таъмин мекард.
Дар як бинои хурд ба сурати ичорави ва танхо ба як намуди фаъолият машгул буд ва бо сабаби нарасидани маблаг доираи фаъолиятро наметавонист густариш дихад ва харидорони махсулоти он танхо чанд магозаи кўчаки шахарки Сарвода буданду халос. Мохи октябри соли 2016 ва минбаъд 19 октябри соли 2018, давра ба давра ин шахрванд дар асоси Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттахид лоихаи «Дастраси карзхои хурд барои ахолии дехоти вилояти Сугд (Водии Зарафшон)» аз рўи лоихаи

«Бехтар гардонидани некуахволии ахолии дехот», ки максади асосии он «ташкили чойхои кори барои ахолии дехот, аз он чумла барои бекорон, занхо ва чавонон, дастгирии сохибкори, огоз ва рушди тичорат ва ташкили имкониятхои нав барои шугл ва фаъолият» мебошад аз чониби Фонди карзии Хурди "Хамёри" карз дар хачми 30000 сомони дарёфт намуда, фаъолияти худро дар ин самт густариш дод. Вай аз чумла дар ин шахраки нохияи дурдасти кухистони Айни истехсоли торт, кулчаканд, нони булка ва булочкахоро ба рох монда, бозори дохили (Камбинат маъдантозакунии Анзоб, Корхонаи Талко Ресурс ва дигар корхонахои хурди нохия) ва дехахои дурдасти нохияро бо ин навъи махсулотхо таъмин карда истодааст. Ин кор боис гардид, ки 7 нафар шахсони бекор аз оилахои камбизоат сохиби чои кори доими ва маоши хуб гарданд, ки се нафари онхоро занхо ташкил медиханд. Дар баробари ин номбурда давоми фаъолият зиёда аз 20 нафар занхову духтархои нохияро бо тарзи пухтани торту кулчаканд ошно намудааст. Хачми даромади сохибкорзан нисбати пештара хеле бехтар гардида, аз хисоби даромадаш дар иду чашнхо ба оилахои камбизоати дехахои гирду атрофи шахраки Сарвода кӯмак мерасонад.



